**Тақризи роҳбари илмӣ,**

доктори илмҳои филологӣ, дотсент Олимӣ Хосият Ҳоким ба диссертатсияи Самиев Ҷумахон Саймуродович дар мавзуи "Хусусиятҳои ғоявию бадеӣ ва нақди матни "Сафарнома"-и Носири Хусрави Қубодиёнӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик пешниҳод шудааст.

Носири Хусрави Қубодиёнӣ ҳамчун шахсияти барҷастаи илму маърифат шинохта шуда, тавассути "Сафарнома"-и хеш дар таърихи сафарнигории башар нақши боризе гузоштааст. Мавзуи озодандешӣ ва ҳувият дар осори Носири Хусрав яке аз нуктаҳои асосиро ишғол мекунад. Рӯзгор ва осори Носири Хусрав дар чоряки охири асри XIX аз мавзуоти пажӯҳишӣ гардида, асосан муҳаққиқони аврупоӣ ва шарқӣ ба барқарорсозии тарҷумаи ҳоли ҳақиқии нависанда, омода ва нашри матнҳои як қатор асарҳои ӯ машғул гардидаанд. Натиҷаи ҳамин аст, ки мақолаҳои сершумор ва пажӯҳишҳои илмӣ-таҳқиқӣ дар замони шуравӣ ва дар овони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор шудаанд.

Дар илми ховаршиносии шуравӣ ба омӯзиш ва интишори афкору ҷаҳонбинии Носири Хусрав диққати зиёд дода шуда буд. Дар иртибот ба ин , лозим ба ёдоварист, ки осори Носири Хусравро на фақат олимони Тоҷикистон, балки муҳаққиқони Россия, Эрон ва Афғонистон низ мавриди баррасӣ қарор додаанд. То имрӯз дар мавриди паҳлуҳои мухталифи "Сафарнома" мақолаҳои зиёде нигошта шудаанд, ки аз таваҷҷуҳ ва мавриди назари олимон қарор доштани ин таълифоти мутафаккир дарак медиҳад. Бинобар ин, бобати пажӯҳишҳои назарраси илмӣ ҳанӯз ҳам масъалаҳое мавҷуданд, ки бо дарназардошти чопу таҳлилҳою таҳқиқҳои "Сафарнома" аз назари муҳаққиқон дур афтода, баррасиҳои мавҷудбуда дар ин масоил қонеъкунанда нестанд.

Ин аст, ки мубрамият ва муҳиммияти рисолаи илмии Самиев Ҷумахон Саймуродович дар мавзуи «Хусусиятҳои ғоявию бадеӣ ва нақди матни "Сафарнома"-и Носири Хусрави Қубодиёнӣ» маҳз дар пажӯҳиши вижагиҳои ғоявию бадеӣ, мушаххас сохтани мавзуъ ва мундариҷаи асосии

асар, муайян намудани нақши ноқил, таҳлили вижагиҳои баёниривояту ҳикоят ва баррасии чеҳраҳои таърихӣ дар асар омӯхта шуда, то ба ҳадди муайян таҳқиқ ёфтааст. Баробари ин, масъалаҳои таҳриру тасҳеҳи матни чопҳои гуногуни "Сафарнома"-и Носири Хусрав яке аз масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳ дониста шудааст.

Аз таҳлил ва таҳқиқи адабиёти мутолиагардида ва таҳқиқоти анҷомгирифта метавон ба чунин натиҷа расид, ки доир ба матншиносии "Сафарнома" ҳам пажӯҳиши комил ва қобили таваҷҷуҳ анҷом наёфтааст. Маҳз барои ҳамин муҳаққиқ масъалаи омӯзиши нақди матни "Сафарнома"-ро бо таҳқиқи фарогиру амиқи монографӣ ҳадафи асосии пажӯҳиш қарор дода, дар мавриди хусусиятҳои услубию бадеии "Сафарнома" андешаҳои судманд баён месозад. Барои расидан ба мақсад унвонҷӯ кӯшиш кардааст, ки аз нусхаҳои мухталифи "Сафарнома" огоҳӣ ёбад ва чопи оммавии онро мавриди муқоиса қарор диҳад.

Унвонҷӯ мақсади асосии таҳқиқро дар баррасии масъалаҳои алоқаманд ба хусусиятҳои ғояаию бадеӣ, мавзуъ, мундариҷа ва нақши ноқил дар сохтори муҳтавоии "Сафарнома"-и Носири Хусрав медонад.

Навгонии рисола дар он дида мешавад, ки дар рисола хусусиятҳои услубию бадеӣ, нақди матни оммавии "Сафарнома", мазмун, мундариҷа, сабк ва дигар паҳлуҳои таҳқиқоти адабиётшиносӣ мавриди баҳс қарор гирифтааст. Ҳамзамон, масъалаҳои муайян намудани ҳунари чеҳранигорӣ, мушаххас намудани мавқеи санъатҳои бадеӣ дар "Сафарнома" ва нақши ноқил дар асар баррасӣ гардидаанд.

Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқоти Ҷумахон Самиев дар омӯзиши масъалаҳои матншиносӣ ва хусусиятҳои бадеию услубии "Сафарнома" дар адвори сабки насрӣ ва дигар паҳлуҳои таҳқиқоти адабиётшиносӣ ба назар расида, таҳқиқоти мазкур дар мушаххас намудани хусусиятҳои бадеии "Сафарнома"-и Носири Хусрав мусоидат мекунад.

Масъалаҳо ва консепсияҳои илмии дар диссертатсия барои дифоъ пешниҳодшаванда аз нигоҳи илмӣ муҳим ва арзишманд мебошад. Ин нукта

дар он дида мешавад, ки “Сафарнома”-и Носири Хусрав бо забон ва вижагиҳои жанрияш аз дигар осори насрии нависанда фарқ мекунад, ки бо услуби хосси даврони Ғазнавиён ва Салҷуқиён навишта шудааст ва нусхаи чопи “Сафарнома”-и Носири Хусрав то ҳанӯз мавриди баҳси матншиносон қарор гирифта, набудани нусхаи дақиқ ё кухна ва ё истифода набурдани усули якхела дар он маълум гардидааст.

Муаллиф бар он аст, ки новобаста аз ғановати бадеию ғоявии осори Носири Хусрав, то ҳол матни “Сафарнома” ба таври комил омӯхта ва пажӯҳиш нашудааст ва ин таҳқиқот бори дигар масъалаи тасҳеҳ намудани матни “Сафарнома” -ро ба миён меорад.

Ин таҳқиқ дар омӯзиши масъалаҳои марбут ба таърихи адабиёт, назарияи адабиёт, матншиносӣ ва сарчашмашиносӣ метавонад ҳамчун манбаъ истифода гардад. Диссертатсияро дар таълифу тадвини китобҳои дарсӣ, маводи таълимӣ, дастурҳои методӣ ва рисолаи илмӣ истифода намудан мумкин аст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб ва фаслҳои мантиқан мураттабу пайдарҳам, хулоса, рӯйхати сарчашмаву адабиёти истифодашуда ва замима иборат аст ва андозаву мундариҷаи он ба талаботи илмии диссертатсияҳои илмӣ ҷавобгӯ мебошад.

Дар қисмати хулоса ба таври мукаммалу муфассал натиҷаҳои таҳқиқ баён гардида, оид ба натиҷаҳои амалии таҳқиқ тавсияҳо пешниҳод гардидааст. Муаллиф дар заминаи маълумоти илмӣ бар он андеша аст, ки қадимтарин нусхаҳои маъруфи “Сафарнома”-и Носири Хусрав танҳо ду нусхаест, ки дар Китобхонаи миллии шаҳри Париж нигоҳ дошта мешаванд. Нусха ба хатти настаълиқ, ки аз 197 саҳифа иборат мебошад, дар соли 1294 ҳиҷрии қамарӣ (1877 м.) навишта шудааст. Ҳама сафарномаҳои мавҷуда ва тарҷумаҳои онҳо камбудҳое доранд, ки аз набудани нусхаи дақиқ ё кухна ва ё истифода набурдани усули якхела маълум мегардад. Таҳиягарони “Сафарнома” бештар дар чунин мавридҳо ба ғалатхонии матн роҳ додаанд.

Ҳамин тариқ, муҳаққиқ дар ҷараёни пажӯҳиш маводи зиёд гирд овардааст ва бо такя ба асарҳои тадқиқотии адабиётшиносии муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ андешаҳои хешро низ доир ба нуктаҳои баҳсталаби мавзуи мавриди назар баён кардааст. Рисола бо забони хуби илмӣ навишта шуда, ҷамъбасту хулосаҳо эътимодбахш мебошанд.

Ба ҳамин тартиб, диссертатсияи Самиев Ҷумахон Саймуродович дар мавзуи "Хусусиятҳои услубию бадеӣ ва нақди "Сафарнома"-и Носири Хусрави Қубодиёнӣ" , ки барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи диссертатсияҳои илмӣ ҷавобгӯй буда, ҳамчун роҳбари илмӣ онро барои баррасӣ дар зинаҳои баъдӣ ва ҳимоя тавсия менамоем.

**Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои филологӣ,**
**дотсенти кафедраи назария ва**
**таърихи адабиёти ДБЗХТ**
**ба номи Сотим Улуғзода** **Олимӣ Хосият Ҳоким**

Суроға:734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
хиёбони Ф.Муҳаммадиев, 44.
Телефон: (+992) 917-160-791
E-mail: hosiyat.olimova@mail.ru
«03» -юми январи соли 2024

**Имзои д.и.ф., дотсент**
**Олимӣ Х. Ҳ.-ро тасдиқ мекунам:**

**Сардори раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДБЗХТ**
**ба номи Сотим Улуғзода** **Юсупова Б. Ғ.**
**«03» -юми январи соли 2024**

Суроға:734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
хиёбони Ф. Муҳаммадиев 17/6.
Тел: (+99237)232-50-00
E-mail: ddzt @mail.ru